*ТДУ 8Т1*
*ТКБ 83.3(0)4*

# *МАВҚЕИ ОСОРИ ҒИНОӢ ДАР ТАШАККУЛИ ДОНИШ ВА ЗЕБОИШИНОСИИ МУҲАССИЛИН*

***Пӯлодова Шоира Солиҷоновна**, н.и.ф., дотсенти кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷик; **Маҳмадшоев Маҳмадшо Мирзошоевич**, н.и.ф., дотсенти кафедраи адабиѐти классикии тоҷики МДТ "ДДХ ба номи акад. Б.Ғафуров"(Тоҷикистон, Хуҷанд)*

# *МЕСТО ЛИРИЧЕСКИХ ПРОИЗВЕДЕНИЙ В ФОРМИРОВАНИИ ЗНАНИЙ И ЭСТЕТИЧЕСКОМ ВОСПИТАНИИ УЧАЩИХСЯ*

***Пулатова Шоира Солиджоновна,** к.ф.н., доцент кафедры методики преподавания таджикского языка и литературы; **Махмадшоев Махмадшо Мирзошоевич**, к.ф.н., доцент кафедры таджикской классической литературы ГОУ "ХГУ имени акад.Б. Гафурова" (Таджикистан, Худжанд)*

# *THE PLACE OF LYRIC WORKS IN FORMATION OF KNOWLEDGE AND IN AESTHETIC EDUCATION OF STUDENTS*

***Pulatova Shoira Solijonovna,**candidate of philological sciences, Associate Professor of the department of the Tajik language and literature methods of teaching,*
***E-mail:** pulatova78@mail.ru*
***Makhmadshoev Makhmadsho Mirzoshoevich,** candidate of philological sciences, Associate Professor of the department of Tajik classical literature under the SEI "KhSU named after acad. B. Gafurov" (Tajikistan, Khujand)*

***Вожаҳои калидӣ:** тарбияи эстетикии хонандагон, салоҳият, китобҳои дарси адабиёт, муносибати босалоҳият, эҷодиёти Ҳофизи Шерозӣ, барномаҳои таълимӣ, шарҳҳо ба осори Ҳофиз, таълими адабиёти тоҷик*

*Дар мақола масъалаи ташаккули дониш ва тарбияи эстетикии талабагон дар раванди таълими адабиёти тоҷик таҳлил шудааст. Вазифаҳои асосии омӯзгор барои ташаккули салоҳияти хонандагон ва бедор кардани муҳаббат ба каломи бадеӣ тавассути шиносоӣ бо осори адабӣ муайян карда шудаанд. Таваҷҷӯҳ ба пешниҳоди маълумот дар бораи шуҳрати ҷаҳонии адибони бузурги форс-тоҷик дар мисоли Ҳофизи Шерозӣ ба донишҷӯён дода мешавад. Дар натиҷаи таҳлили ҳаматарафаи мазмуни китоби дарсии «Адабиёти тоҷик» (барои синфи шашум) таклиф карда мешавад, ки ба нақшаи таълим нуктаҳои зерин илова карда шаванд:*

*- пас аз сархати сеюм, ки сухан дар бораи падару модари шоир меравад, маълумоти зиндагиномаи Ҳофизро васеъ карда шавад;*

*- доир ба мафҳумҳои «Мусалло», «Рукнобод», «Аллоҳу Акбар» дар бораи маҳалли зодгоҳи Ҳофиз шарҳу мулоҳизаи муфассал пешниҳод карда шавад;*

*- дар китоби дарсӣ порчаҳои марбут ба ӯ аз эҷодиёти Иоҳанн Волфганг Гёте, Шиблии Нӯъмонӣ, Соиб дохил карда шудани шуҳрати ҷаҳонии шоир ба хонандагон ёдрас намуда шавад.*

*- барои дарки матолиби пинҳонӣ ва ишораҳои ниҳонӣ аз тафсири «Фахрияҳо»-и шоир истифода бурда, хусусиятҳои услубии шеъри Ҳофиз равшан сохта шавад.*

*Барои ноил шудан ба мақсади дарс ба омӯзгорони адабиёти тоҷик тавсия дода мешавад, ки на танҳо бо маводи китоби дарсӣ маҳдуд нашаванд, балки ба осори илмӣ ва осори бадеии вобаста ба мавзӯъ муроҷиат намоянд, ки ба баланд шудани сифати дарс мусоидат кунанд.*

***Ключевые слова:** эстетическое воспитание учащихся, компетентность, учебники литературы, компетентностный подход, творчество Хафиза Ширази, учебные программы, комментарии к произведениям Хафиза, преподавание таджикской литературы*

*Анализируется проблема формирования знаний и эстетического воспитания учащихся в процессе преподавания таджикской литературы. Определены главные задачи учителя по формированию компетентности учащихся и воспитанию у них любви к художественному слову через знакомство с литературными произведениями. Уделено внимание предоставлению учащимся информации о мировой славе великих персидско-таджикских литераторов на примере Хафиза Ширази. В результате всестороннего анализа содержания учебника «Таджикская литература» (для шестого класса) и учебной программы предлагается:*

- *расширить биографические сведения о Хафизе после третьего абзаца, там, где идет речь о родителях поэта;*
- *предложить более подробные комментарии к географическим названиям-топонимам о месте рождения Хафиза, в том числе к понятиям «Мусалло», «Рукнобод», «Аллоху Акбар»;*
- *напомнить учащимся о мировой славе поэта путем включения в учебник сведений о нем из творчества Иоганна Вольфганга Гёте, Шибли Ну`мони, Саиба;*
- *использовать толкование фахрия (самовосхваления) поэта для восприятия учащимися скрытых смыслов и намеков, уточнения особенностей поэтического стиля Хафиза.*

*Преподавателям таджикской литературы рекомендуется для достижения цели урока не ограничиваться только материалами учебника, но и обращаться к научным трудам и художественным произведениям, связанным с темой, что будет содействовать улучшению качества урока.*

***Key words:*** *aesthetic education of students, competence, literature textbooks, competence-based approach, creativity of Hafiz Shirazi, curricula, comments on the works of Hafiz, teaching Tajik literature*

*The article dwells on the issue beset with knowledge formation and students` aesthetic education in the process of teaching Tajik literature. In their article the authors determine the main tasks of the teacher for students` competence formation and for instilling in them a love for artistic word through acquaintance with literary works. Particular attention is paid to the presentation of information to students about the world fame of the great Persian-Tajik writers on the example of Hafiz Shirazi. Adducing the results of comprehensive analysis dealing with the content of the manual "Tajik Literature" (for the sixth grade) the authors propose to add the following points to the curriculum:*

*-to expand the biographical information about Hafiz after the third paragraph, where it comes to the poet's parents.*

*-to offer more detailed comments on the place names-toponyms about the place of birth of Hafiz, including the concepts "Musallo", "Ruknobod", "Allohu Akbar".*

*-to remind students of the poet's world fame by including in the textbook fragments relating to him from the works of Johann Wolfgang Goethe, Shibli N'moni, Saib.*

*-to resort to interpretation of Fakhriy (self-praise) of the poet for the students' perception of hidden meanings and hints, clarification of the features of the poetic style of Hafiz.*

*To achieve the goal of the lesson, teachers of Tajik literature are advised not to be limited only to the materials of the textbook, but also to refer to scientific works and works of art related to the topic, which will contribute to improving the quality of the lesson.*

Тарбияи зебоипарастӣ чун дигар шаклҳои тарбия барои таъсир расонидан ба фард ё гурӯҳи иҷтимоӣ бо мақсади муайяни ҷамъиятӣ равона карда мешавад. Он на танҳо ба зеҳну тафаккури одамон, балки ба рафтору хислат ва фаъолияти онҳо таъсир расонида, барои ҳаматарафа инкишоф ёфтани кас мусоидат менамояд. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» нисбат ба тарбияи зебоипарастии ҷавонону наврасон эътибори хоса дода шудааст. Дар консепсияи миллии Ҷумҳурияи Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми марти соли 2006-ум таҳти №94-ум тасдиқ шудааст, дар банди 9-ум нисбат ба тарбияи зебоипарастӣ чунин тазаккур ёфтааст: «Зебопарастӣ яке аз сифатҳои муҳими инсонро ташкил медиҳад. Манбаи зебоии табиат ҳар гуна аксҳо, мусаввараҳо, ҳайкалу муҷассамаҳо, асарҳои бадеӣ, нақшу нигор, иншоотҳо, асарҳои саҳнавӣ, суруду мусиқӣ, сарулибос, ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ, лавозимоти рӯзгор ва ғайраҳо мебошанд, ки дар инсон эҳсоси зебопарастӣ ба вуҷуд меоранд. Қобилияти зебоифаҳмӣ ба шаҳрванд имконият медиҳад, ки боигарии ахлоқи маънавӣ ва маърифатии хешро ғанӣ гардонад ва зиндагии зебо ташкил кунад» [5,с. 34].

Тарбияи зебопарастӣ мафҳуми мушаххаси таърихӣ буда, вай ба ҳаёти иҷтимоӣ асос меёбад ва вобаста ба ҳар давру замон хусусиятҳо ва равиши ба худ хосро касб менамояд. Солҳои охир дар Тоҷикистон усулҳои нави таълим ташаккул ва инкишоф ёфта, муносибат ба таълим низ таҳаввул пазируфтааст. Яке аз сабабҳои асосии тағйирот дар муносибати таълим (мундариҷа ва раванди таълим) дигар гаштани талабот ба дарс мебошад. Мувофиқи он “Низоми нави маориф, ки мутобиқи тамоюлоти ҷаҳони муосир на ба дониш, балки ба салоҳиятнокӣ асос ёфтааст, бояд ба хонандагон имконияти аз худ намудани салоҳияту малакаҳои асосии иҷтимоӣ, ба монанди, қабули масъулиятноки қарорҳо ва банақшагирии пешравӣ дар касб, илмомӯзӣ дар давоми тамоми ҳаёт, тайёрии касбии дар бозори меҳнат талаботдошта, донишу малакаи барои

худтакмилдиҳӣ зарур, малакаи тарзи ҳаёти солим, арзишҳои ҷомеаи шаҳрвандиро таъмин намояд" [6].

Барои татбиқи ин талабот ва иҷрои нақшаҳои пешбинишуда муаллимро зарур аст, ки ба замони муосир ҷавобгӯ бошад, яъне: бояд тафаккури васеъ дошта бошад, ғайр аз фанни худ боз дигар илмҳоро аз бар намуда, қонунияти ташаккули табиат ва ҷомеаро донад; муаллим бояд шахсе бошад, ки ҳам таълим ва ҳам тарбия карда тавонад. Аз ҳамин сабаб, бояд ӯ назарияи таълим ва тарбияро хуб дониста, дидактика ва методикаи таълимро комилан аз бар намояд.

Дигаргуниҳое, ки дар ҳама соҳаҳои ҷумҳуриамон ба амал омада истодаанд, ба дӯши омӯзгорони фанни адабиёти тоҷик ҳам вазифаҳои пурмасъулият мегузоранд. Донандаи донишҳои нав ва таҷрибаи пешқадам будан аз вазифаҳои муҳими муаллим мебошад ва бояд ба масоили зерин таваҷҷуҳи хос зоҳир намояд:

1. Ба наврасону ҷавонон рамзу рози намунаҳои мероси ниёгонро ҳаматарафа кушода диҳад;
2. Дар айни айёми ҷӯяндагӣ ва камолёбӣ наврасонро пурдон, бунёдкор, барои шахсони маданиятнок ва масъулиятнок шудан тарбия диҳад.
3. Хонанда аз рӯйи хоҳиш ба эҷодкорӣ майл намояд, агар лаёқаташ аён гардад, ба маҳфилҳои махсус ҷалб карда шавад.
4. Бо тақозои замон дар дарс аз воситаҳои техникаи замонавӣ истифода бурда, самаранокии дарсро афзоиш диҳад.
5. Технологияи нави ҳозиразамонро омӯхта, дар дарсҳо истифода бурда тавонад.

Дар раванди таълими фанни адабиёти тоҷик вазифаҳои муайяни таълиму тарбия ҳал мегардад. Таҳлили шеърҳои алоҳидаи адибони бузург имконият медиҳад, ки хонандагон ба мазмуну мундариҷа ва ҳунари шоирии онҳо пурратар шинос шаванд, моҳияти иҷтимоӣ ва маърифатии он асарҳоро дарк кунанд. Адабиёти бадеӣ, ки пайваста ба омӯзиши ҳаёти инсон ва шинохти худи инсон машғул аст, дар тарбияи зебоипарастиву ахлоқии одамон ва бахусус, дар муайян сохтани мавқеи онҳо дар ҷомеа нақши намоён дорад. Яке аз вазифаҳои асосии таълими адабиёт парвариши меҳри сухани асил дар дили шогирдон ва ба таҳрик овардани муҳаббати самимӣ ба осори манзуму мансури чӣ гузашта ва чӣ муосири адабист. Аз ин хусус равишшинос М.Аҳмадов чунин изҳори назар кардааст: "Барои ба чунин мақсад расидан дар назди омӯзгори адабиёт вазифаи басо пурмасъулият меистад. Зарур аст, ки дар ҷараёни тадрис барои шогирдон имконияти мусоиди баёни андеша ба вуҷуд оварда шавад, то ки онҳо дар ҳалли ин ё он масоили адабӣ, ки дар ҷараёни дарси адабиёт баррасӣ мегардад, фаъолона ширкат варзида тавонанд, афкору мулоҳизоти хешро озодона иброз доранд" [1,с.8].

Як ҷиҳати муҳим дар шарҳу тавзеҳи матн аз он иборат аст, ки омӯзгор бояд ҳамеша ба маънои аслии калимаву иборот такя намуда, дар асоси он порчаро эзоҳ диҳад, пас аз он агар лозим бошад, метавонад ба шарҳи маънои маҷозии калимаву таркиб ва ибораҳо гузарад. Таҳлили ғоявию бадеии осори адабӣ кори басо мушкилу заҳматталаб буда, тайёрии ҷиддиро тақозо дорад, зеро як калима ё таркибу иборот тобишҳои гуногуни маъноиро ифода карда метавонад. Далели ин гуфтаҳо таълифи шарҳномаҳо ба осори бузургтарин суханварон аст. Ба гувоҳии профессор Абдулманнони Насриддин дар давоми бештар аз сесад сол, яъне асрҳои XV1-X1X зиёда аз бист шарҳ танҳо ба девони Ҳофиз бо забони форсии тоҷикӣ навишта шудааст, ки аз ривоҷу такомули ҷараёни шаҳрнависӣ ба девони Хоҷа Ҳофиз шаҳодат медиҳад [4,с.145]. То имрӯз кашфи маъниҳои пӯшидаву бадеиёти барҷастаи ғазалиёти шоир идома дорад. Адабиётшиноси шинохта Шарифмурод Исрофилниё солҳои зиёд доир ба вижагиҳои шеъри Ҳофиз пажӯҳиш анҷом дода, натиҷаи тадқиқоташро бо номи «Фарҳанги таҳлилии алфози хароботии ашъори Хоҷа Ҳофиз» мунташир намуд. Омӯзгорони фанни забону адабиёти тоҷикро зарур аст, ки аз ин шуруҳот бархурдор бошанд ва зимни таълим корбаст кунанд. Азбаски шеъри асил бори зиёди маънӣ ва ғояи амиқи иҷтимоиро дорост ва марбут ба замони зиндагии шоир аст, пас барои идроки асли мақсади муаллиф омӯзгор ва хонандаро мебояд, ки аз ҷараёни рӯзгору вазъи иҷтимоиву иқтисодии адиб ба таври бояду шояд бархурдор бошад. Бо назардошти ин нукта, пеш аз таълими эҷодиёти ин ё он суханвар баёни зинагинома ё худ чраёни рӯзгори ӯ муҳим арзёбӣ мегардад.

Дар «Барномаи таълими адабиёти тоҷик дар синфҳои V-XI» (Душанбе, 2007), ки ба ҷои ному насаби муаттибон «Ҳайати шӯрои коршиносони назди Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таълифи барнома ва китобҳои дарсии адабиёти тоҷик барои синфҳои V-XI» омадааст, ба таълими шарҳи ҳол ва баррасии ғазалҳо аз осори «Ҳофизи Шерозӣ» панҷ соат пешниҳод гаштааст. Бо назардошти синну соли хонандагони синфи 6-ум, ба назари мо, ба шарҳи ҳоли Ҳофизи Шерозӣ бояд маълумоти зерин илова гардад:

1. Каме зиёд намудани тарҷумаи ҳоли Ҳофиз, махсусан баъди сархати сеюм, вақте ки сухан дар бораи фавти падару таҳсили шоир меравад.
2. Шарҳи каме муфассалтари мавзеъҳои бо зодгоҳи шоир алоқаманди Мусалло ва Рукнобод, ки зикри онҳо дар ашъори Ҳофиз омадааст.
3. Чун дар супориши чаҳоруми ғазали “Пайғоми дӯст” муқоисаи байти чоруми ғазал (Агарчи дӯст ба чизе намехарад моро, Ба оламе нафурӯшем мӯе аз сари дӯст) бо байти Саъдии Шерозӣ (Гарат хуноба гардад дил, зи дасти дӯстон, Саъдӣ, На шарти дӯстӣ бошад, ки аз дил бар забон ояд) талаб карда шудааст, дар тарҷумаи ҳоли Ҳофиз таъкид кардани аз зодгоҳи Саъдӣ будани ӯ ба манфиати кор аст. Хосатан, ки дар синфи панҷум хонандагон дар ҳаҷми шаш соат аҳволу осори Саъдии Шерозиро аз худ кардаанд. Ва гузашта аз ин, дар супоришҳои ғазали дувуми китоби дарсӣ муқоисаи байти Ҳофиз бо байти Саъдӣ омадааст.
4. Дар сархате, ки сухан дар бораи ҳанӯз дар давраи ҳаёт маъруфу машҳур будани Ҳофиз меравад, бамаврид мегардид, агар дар бораи шуҳрати ҷаҳонии Ҳофиз ёдрас шавад. Дар ин ҷо овардани гуфтаҳои Гӯта ва аллома Шиблии Нӯъмонӣ ва ё Соиби Табрезӣ айни муддао мебуд, зеро бо як тир ду шикор ба даст меомад:
а) Хонандагон бо номи Иоҳан Гӯта ва девони маъруфи ӯ шинос мешуданд. Суханони Гӯта дар бораи ҳафт шоири маъруфи форсу тоҷик ва махсусан Ҳофизи Шерозӣ ба боло бурдани эҳсоси ватандӯстию ифтихор аз адабиёту фарҳанги миллӣ мусоидат мекунад. Ғайр аз ин, ба талабагон ёдрас намудани номи яке аз адибони бузургтарини Аврупо холӣ аз аҳамият нест. Гӯта:

***То тавонӣ суруди Ҳофиз хон,***
***Аз ҳама бим то амон монӣ;***
***То ҳама ахтарон ба рақс орӣ. –***
***То ҳама раҳзанон гурезонӣ;***
***Ғазали Ҳофизи лисонулгайб,***
***Боз бархон ба базми маҳрӯён.***
***К-ӯ ба зону фитода мебӯсид...***

б) Ҳарчанд хонандагони мактаб бо Соиби Табрезӣ ва эҷодиёти ӯ дар синфи XI-ум шинос мешаванд, аз синфи 6 ошно гаштани онҳо бо ному шеъри Соиб, беманфиат нест. Соиб:

***Зи булбулони хушилҳони ин чаман Соиб,***
***Муриди замзамаи Ҳофизи хушилҳон бош.***

* * *

***Фидои ҳусни Худододи ӯ шавам, ки сароро***
***Чу шеъри Ҳофизи Шероз интихоб надорад.***

в) Баъди Соиби Табрезӣ овардани байти аллома Шиблии Нӯъмонӣ низ холӣ аз аҳамият нест, зеро хонандагон дар оянда бо ҳаёту эҷодиёти намояндагони маъруфи сабки ҳиндӣ, аз қабили Шавкати Бухороӣ, Сайидои Насафӣ, Соиби Табрезӣ, Бедили Деҳлавӣ, Нақибхони Туғрал шинос мешаванд. Бино бар ин, дар иртибот бо таваҷҷӯҳи Шиблии Нӯъмонӣ ба эҷодиёти Ҳофиз ба хонандагон фаҳмонидани кӣ будани Шиблии Нӯъмонӣ ва саҳми ӯ дар таҳқиқи сабки ҳиндӣ лозим аст. Шиблӣ:

***Гар худовандӣ ҳавас дорӣ дар иқлими сухан,***
***Бандагии Ҳофизи Шероз мебоист кард.***

Дар қисми тарҷумаи ҳоли Ҳофизи Шерозӣ муаллифон (Хоҷаев Қ., Абдувалиев А., Шарафуддинов Н., Раҳматов Б. Адабиёти тоҷик, китоби дарсӣ барои синфи 6 (нашри 3-юм), Душанбе: Маориф, 2014) ба таъйиди маъруфияти Ҳофизи Шерозӣ байти машҳури зеринро овардаанд:

***Ғазал гуфтию дур суфтӣ, биёву хуш бихон Ҳофиз,***
***Ки бар назми ту афшонад фалак иқди Сурайёро***

Бо вуҷуди дар назари аввал фаҳмо будани маънои шеър гумон аст хонандаи синфи шашум иборaҳои «дур суфтан», «иқди Сурайё» ва маънои феъли «афшондан»-ро дар иртибот бо «иқди Сурайё» ва «ғазали хуш» дуруст идрок карда тавонад. Хонандагони имрӯза, масдари «суфтан»-ро асосан ба маънои «сайқал додан» мефаҳманд, ҳол он ки дар замони Ҳофиз ин масдар ба маънои «сӯрох кардан» (8,с.2-282), «дур суфтан»: а) сӯрох кардани марворид барои ба ришта кашидан; б) киноя аз сухани балеғи бикр гуфтан, каломи наву тоза гуфтан» корбаст мешуд [8,с.1-401].

Дар забони муосири форсӣ, чунон ки Муҳаммад Муин меорад, низ то ҳол ба ҳамин маъно ба кор меравад. Дар бобати «дур суфтан» бояд илова кард, ки суфтани дур, яъне сӯрох кардани марворид бо мақсади баъдан ба ришта кашидани он ва гарданбанд (иқд) сохтан, ҳамеша кори нозук ба ҳисоб мерафт, ки маҳорати олии заргариро тақозо менамуд. Маҳз аз ҳамин лиҳоз,

маънои маҷозии он кори олиҷаноб кардан, яъне шеъри олӣ ба ин ибора таҳмил шудааст. «Хуш хондан» бо савту мусиқӣ иҷро кардани ғазал. «Иқди Сурайё» ё «Иқди Парвин» - «шаш ситораи кӯчак, ки дар кӯҳони Савр ҷамъ шудаанд ва онро ба иқд (гарданбанд) ё хӯшаи ангур ташбеҳ кунанд». Масдари «афшондан» ба маънои «пошидан, нисор кардан, рехтан» [8,с.1-103) омадааст. Дар ин байт маънои «нисор – пошидан, аз болои сари касе пошидани тиллою танга…» [8,с.1-856) манзур аст. Маънои байт: Ҳофиз, ту ғазале бикру олӣ гуфтӣ, ки мисли дурри суфта аст, биёву онро бо овози хуш бихон, то фалак иқди Сурайёро (ки шаклан ба гулӯбанд, марворидҳои суфтаи ба ришта кашида монанд аст) ба расми нисор ба сари ту пошад. Ба сари шоир пошидани тангаю тилло дар қуруни вусто дар дарбори шоҳон расм буд. Баъди ин шарҳу тавзеҳ таносуби каломи байти Ҳофиз то андозае возеҳу равшан ва маънои он ба дарки хонанда қобили пазироиш мегардад.

Дар охири муқаддимаи фасли «Ҳофизи Шерозӣ» муаллифон овардаанд: «Ӯ (яъне Ҳофиз) ба кушудану кашфи асрори олам сари ёрӣ надорад ва онро барҳақ муаммои нокушода мепиндорад:

***Ҳадис аз мутрибу май гӯву рози даҳр камтар ҷӯ,***
***Ки кас накшуду накшояд ба ҳикмат ин муамморо.***

Дар ин байт чанд калимаю ибораи шарҳталаб вуҷуд дорад: «ҳадис» дар ин ҷо ба маънои сухан аст. «Рози даҳр»: даҳр – фалак,маънои ибора фалак ва аносири он аст. «Ҳикмат» - фалсафаю дониши ақлӣ дар назар дошта шудааст. Ҳосили байтро Судии Буставӣ чунин овардааст: «Сухан аз мутрибу май гӯй ва хаёли огаҳӣ аз асрори фалаку аносирро ба кулӣ тарк кун, зеро то кунун касе натавониста ва ҳеч кас низ нахоҳад тавонист ин муамморо бо илми ҳикмат ҳал кунад. Фақат Ҳақ Таоло аст, ки аз асрори даҳр мутталеъ асту бас» [7,с.1-29).

Зикри иқтибосот, шарҳҳо ва баҳодиҳӣ ба навиштаҳои адибон ва баҳсҳои адабие, ки дар мақолаву рисолаҳои мухталиф бисёр ба назар мерасад, барои идроки масъалаҳои борики адабиёти гузаштаву муосир ба хонандагон раҳкушоӣ мекунанд. Пас аз мутолиа ё худ шунидани онҳо хонандагон аз масъалаҳои адабиётшиносӣ шиносоӣ пайдо мекунанд ва дар раванди таҳлили асари бадеӣ то як андоза огоҳона андеша меронанд. Имкон дорад, ки дар партави ин гуна баҳсҳои адабӣ хусусиятҳои асарҳои бадеӣ ва сабки баёни адибони классикиву муосирро боз ҳам беҳтар идрок намоянд.

Барои он ки ғояҳои олӣ дар зеҳни толибони роҳи илм нақши ҷовидонӣ гузорад ва дар зиндагӣ аз рӯйи он амал намоянд, муаллимро зарур аст, ки маънои ҳар як таркибу ибораи абётро возеҳ намояд ва хулосаҳои зарурӣ бо истифода аз намунаҳои барҷаста ва мушоҳидаҳои рӯзгор дастрас гардонад. Насли наврас эҳтиёҷ ба таълими бонизом ва тарбияи ҷиддӣ дошта, дониши мукаммал, малакаву маҳорат ва корбандӣ аз усулҳои ҷадиду шавқовар ба ташкили дарси хубу ростин имкон медиҳад. Осори арзишманди ниёгони мо асрҳо ин ҷониб ҳидоятгари мардуми кишварҳои на танҳо Шарқ, балки Ғарб низ ба сӯйи иҷрои корҳои шоиста, инсонпарварӣ, умед ба фардои дурахшон, кӯшишу талош баҳри ба даст овардани саодату осудаҳолӣ ва хислатҳои ҳамидаи инсонӣ гардидааст. Аз ин ҷиҳат, муаллимони фанни адабиётро зарур аст, ки мазмуну мӯҳтавои ҳар як байту қаринаи шоҳасарҳои бузургонро дастраси хонандагон гардонанд.

Ҳамин тариқ, барои татбиқи стандарт ва барномаи таълим омӯзгор бояд дониш, малака ва маҳорати зеринро дошта бошад:

– назария ва принсипҳои низоми таълими салоҳиятнокро донад ва ҷанбаҳои татбиқи амалии онро дар раванди таълим шарҳ дода тавонад;

– тарзи банақшагирӣ ва арзёбии салоҳиятнокии хонандагонро донад ва ҳангоми раванди таълим истифода барад;

– усулҳои таълимие, ки барои ташаккули салоҳиятнокии хонанда мусоидат мекунанд, донад ва усули мувофиқро интихоб карда тавонад;

– усул ва воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳандаро барои муайян кардани сатҳи азхудкунии салоҳиятҳо истифода бурда тавонад;

– натиҷаҳои арзёбии ташаккулдиҳандаро бо мақсади қабули қарори мувофиқ истифода бурда тавонад;

- барои ташаккули салоҳиятнокии хонанда аз методҳои интерактивӣ ва бозиҳои дидактикӣ истифода бурда тавонад;

– ҳар як мавзӯи барнома бо методҳои интерактивӣ ё бозиҳои дидактикӣ гузаронида шавад.

Барои ба мақсад ноил гардидан омӯзгори адабиёт танҳо ба маводи китоби дарсӣ маҳдуд шуда наметавонад. Бахусус, дар ҳоле ки маводи китобҳои дарсӣ ба талаботи барномаи адабиёт

баъзан мувофиқат надорад, дар истифодаи омӯзгор будани осори илмиву бадеии марбут ба мавзӯъ ногузир аст, ки барои беҳтар ва босифат гардидани ҳар машғулият ва осон гардидани мушкилоти омӯзгор воситаи беҳтарин аст.

**ПАЙНАВИШТ**:


1. Аҳмадов,М.Таълими адабиёти тоҷик (қисми 2)/М.Аҳмадов.–Хуҷанд:Нури маърифат,2016.- 372 с.
2. Барномаи таълими адабиёти тоҷик дар синфҳои V-XI.-Душанбе: Маориф, 2007
3. Барзгари Холиқӣ, Муҳаммадризо.Шохи наботи Ҳофиз:Шарҳи ғазалҳо ҳамроҳ бо муқаддима,талаффузи вожагони душвор (чопи панҷум)/Б.Холиқӣ.Теҳрон:Заввор,1382,1146 с.
4. Куллиёти осори Абдулманнони Насриддин. Дар ҳафт муҷаллад. Ҷилди дувум / А.Насриддин.- Хуҷанд: Хуросон, 2013.- 636 с.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф». Душанбе, 1993.
6. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.- 2018. 30. 04
7. Судии Буснавӣ. Шарҳи Судӣ бар Ҳофиз. Тарҷумаи Исмати Сатторзода. Дар 4 муҷаллад, ҷилди 1 / С.Буснавӣ. - Теҳрон: Аржанг, 1372. – 1522 с.
8. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Дар ду ҷилд.- Москва: Советская энсиклопедия, 1969.- 950 с.
9. Хоҷаев, Қ. Адабиёти тоҷик, китоби дарсӣ барои синфи 6 (нашри 3-юм)/Қ.Хоҷаев, А.Абдувалиев, Н. Шарафиддинов, Б.Раҳматов.- Душанбе: Маориф, 2014.- 224 с.
10. Шарифзода, Ф. Педагогикаи умумӣ ва касбӣ/Ф.Шарифзода, А.Миралиев.-Душанбе: Ирфон, 2012.- 562 с.


**REFERENCES:**


1. Ahmadov, M. Tuition of Tajik Literature (part 2)/M.Ahmadov.–Khujand:Light of Enlightenment, 2016. - 372 p.
2. The Program of Teaching Tajik Literature in Grades V-XI. - Dushanbe: Enlightenment, 2007
3. Barzgari Kholiqi, Muhammadrizo. Horn of hHerbs of Hafiz: Commentary of Ghazals with introduction, pronunciation of difficult words (fifth edition) /B. Kholiqi. - Tehran: Zavvor,1382, - 1146 p.
4. Abdulmannon Nasriddin`s Completed Collection of Compositions. In seven volumes. – V.2. / A. Nasriddin.- Khujand: Khuroson, 2013. - 636 p.
5. Tajikistan Republic Law “On Education”. - Dushanbe, 1993.
6. Message of Tajikistan Republic President to Majlisi Oli of Tajikistan Republic. - 2018. 30. 04
7. Sudii Busnavi. Judicial Comment on Hafiz. Translated by Ismati Sattorzoda. In 4 volumes, -V.1 / S. Busnavi. - Tehran: Arjang, 1372. - 1522 p.
8. Dictionary of Tajik Language. In two volumes. - Moscow: Soviet Encyclopedia, 1969. - 950 p.
9. Khodjaev, K. Tajik Literature: manual for 6th grade (3rd edition) / K. Khodjaev, A. Abduvaliev, N. Sharafiddinov, B.Rakhmatov.- Dushanbe: Enlightenment, 2014. - 224 p.
10. Sharifzoda, F. General and Professional Pedagogy / F. Sharifzoda, A. Miraliev. - Dushanbe: Cognition, 2012. - 562 p.